ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Аҳмадзода Салоҳиддин Аҳмад дар мавзуи «Ташаккули ҳофизаи таърихии хонандагон тавассути технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3. Педагогика: 5.3.5.1. Назария ва методикаи таълими таърих.

Мубрамии мавзуи таҳқиқотии диссертатсионии довталаби дараҷаи илмӣ Аҳмадзода Салоҳиддин Аҳмад дар он аст, ки мавзуи хеле муҳим - ташаккули ҳофизаи таърихии хонандагон тавассути технологияи рушди тафаккури таҳлилиро, ки то ба имрӯз аз ҷониби олимону педагогҳои ҷумҳурӣ ба таври мукаммалу алоҳида таҳқиқи илмӣ-амалии он анҷом дода нашудааст, барои омӯзишу таҳқиқ интихоб ва коркард кардааст ва ин интихоб, ки мутобиқ ба муқаррароти Стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 аст, халои мавҷударо дар таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ дар самти рушди салоҳиятҳои асосии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути воситаҳои технологияҳои рушди тафаккури таҳлилӣ пур мекунад.

Муайян кардани маҷмӯи технологияҳои педагогие, ки ба ин раванд мусоидат мекунанд, барои такмили низоми таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аҳамияти бузург дорад.

Бо дарназардошти аҳамияти муҳимми истифодаи воситаҳои технологияҳои рушди тафаккури таҳлилӣ дар ташаккули ҳофизаи таърихии хонандагон, таҳқиқи имкониятҳои истифодаи технологияҳои педагогии ба ташаккули салоҳиятҳои асосӣ ва рақамии хонандагон мусоидаткунанда басо муҳим аст. Ин имкон медиҳад, ки ба таври самараноктар аз имконоти технологияҳои рушди тафаккури таҳлилӣ дар таълиму тарбияи насли наврас истифода бурда шавад.

Бояд зикр кард, таҳқиқоти муаллифи диссертатсия ба мукаммалшавии илмии масъалаи ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон саҳм гузошта, имкон фароҳам овардааст, ки дар амалияи таълим усулҳои самарабахш ва технологияҳои мусоиди педагогӣ барои ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон татбиқ карда шаванд.

Муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ хеле дуруст ва воқеъбинона таъкид кардааст, ки барои таъмини рушди устувори давлат, самаранокии рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон бояд роҳи ҳалли дурусти

масъалаи рушди салоҳиятҳои асосӣ ва рушди тафаккури таҳлилӣ бо дарзардошти талаботи замони муосир пайдо ва ҳаллу фасл карда шавад.

Арзишмандии кори диссертатсионии Аҳмадзода Салоҳиддин Аҳмадро ба таври зайл арзёбӣ намудан мумкин аст:

- дастгоҳи илмии татқиқот мувофиқи талабот ба иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар соҳаи педагогика таҳия ва роҳандозӣ карда шудааст;

- дар заминаи омӯхта шудани дараҷаи коркарди мавзуъ аз тарафи олимони тоҷику хориҷӣ паҳлӯҳои гуногуни технологияҳои педагогии ташаккули ҳофизаи таърихии хонандагон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст ва дар ин замина пешниҳоду хулоса ва тавсияҳои методӣ манзур шудааст;

- мазмун ва муҳтавои диссертатсия ба нақшаи пешбинишуда мувофиқат намуда, фарзияи илмии таҳқиқот тасдиқи худро ёфтааст;

- муаллиф кушиш намудааст масъаларо вобаста ба талаботи ҷомеаи муосир ва имкониятҳои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ тарҳрезӣ ва татбиқ кунад. Барои иҷрои ин амал кӯшиш намудааст аз сарчашмаҳои мавҷудаи илмии зиёд оид мавзуи таҳқиқоташ баҳрабардорӣ намуда, маводи назариявиро бо таҷрибаи амалӣ алоқаманд намояд;

- ташкилу баргузории корӣ озмоишӣ ба муаллиф имконият додааст, ки технологияҳои педагогӣ ва роҳу усулҳои самарабахши рушди салоҳиятҳои асосии хонандагонро бо истифода аз имконоти воситаҳои технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ муайян намуда, роҷеъ ба ин масъала андешаю тавсияҳои арзишманди худро иброз ва ироа намояд;

- хулосаҳои бобҳо, хулосаи умумӣ ба мақсаду вазифаҳои татқиқот, мазмуни матн ва натиҷагирӣ аз қисмати назариявӣ ва амалии кор мувофиқат менамояд;

- ҳангоми иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф аз сарчашмаҳои илмӣ-назариявӣ, татқиқоти муҳаққиқону олимон ва ғайра хеле моҳирона ва хуб истифода кардааст.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки натиҷаи амалии таҳқиқот ва тавсияҳои методие, ки таҳия ва ироа шуданд, имконият медиҳанд, ки:

- талаботи барнома оид ба ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон татбиқ карда шаванд;

- роҳу усул ва технологияҳои коркарду санҷидашудаи пешниҳодгардида метавонанд дар раванди таълими муасисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии мавриди истифода қарор гиранд;

- амсилаи педагогии муаллиф барои мусоидат ба ташаккул ва рушди босифат ва самараноки салоҳиятҳои асосии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути истифодаи технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ тарроҳӣ ва тасвиб шудааст;

- самаранокии ин амсилаи педагогиро натиҷаҳои фаъолияти озмоишӣ ба таври иловагӣ тасдиқ мекунанд.

Дастгирии ҳаматарафаи методии пешниҳодшуда барои амалисозии ин амсилаи беназири педагогии ташаккули ҳофизаи таърихии хонандагон дар муҳити муассисаи таҳсилоти умумӣ бо истифода аз технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ метавонад ҳам дар амалияи таҳқиқотӣ ва ҳам дар раванди педагогии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, бевосита, барои муайян кардани вусъати гуногуни натиҷаҳои кори таълиму тарбия бо хонандагон истифода шавад.

Амсилаи педагогии аз ҷониби муаллиф таҳияшуда ва мавриди озмоиш қарордодашуда аз нуқтаи назари амалӣ, методӣ, илмию таҳқиқотӣ ва стратегӣ муҳим ба назар мерасад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро минбаъд дар раванди таълиму тарбияи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, инчунин, ҳангоми тадриси фанҳои таълимӣ вобаста ба таълиму тарбияи насли наврас дар низоми таҳсилоти миёнаи умумӣ ва таҳсилоти олии педагогӣ истифода бурдан мумкин аст.

Амсилаи педагогии пешниҳодшудаи ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон бо истифода аз технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ, ки дар шароити озмоишӣ самаранокии худро нишон додааст, метавонад ҳамчун заминаи мустаҳкам барои таҳияи минбаъдаи методикаи таълими фанни таърих хизмат кунад ва ба омӯзгорон дар амал татбиқ намудани равишҳои муосири таълимӣ кумак расонад.

Истифодаи равиши салоҳиятмеҳвар дар таълим шароити мусоидро барои рушди малакаҳои таҳлиливу рақамӣ ва қобилияти иттилоотӣ-коммуникатсионии хонандагон фароҳам меорад, ки ин ба омодагии онҳо барои зиндагӣ дар ҷомеаи иттилоотӣ мусоидат мекунад.

Таъкид ба ҷанбаҳои психологӣ ва педагогӣ дар рушди салоҳиятҳои асосии хонандагон имкон медиҳад, ки раванди таълим ба талаботи хонандагон мутобиқ гардонида шуда, ба инкишофи ҳамаҷонибаи шахсияти онҳо мусоидат намояд.

Бо ибораи дигар, таҳқиқот на танҳо ба таври назариявӣ арзишманд аст, балки дорои неруи бузурги амалӣ мебошад, зеро он метавонад ба

такмили сифати таълим ва омодасозии хонандагон ба ҳаёти мустақилона дар ҷомеаи муосир мусоидат намояд.

Хулоса, диссертатсияи Аҳмадзода Салоҳиддин Аҳмад дар мавзуи «Ташаккули ҳофизаи таърихии хонандагон тавассути технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, талаботи Низомнома дар бораи шурои диссертатсинӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, таҳти №591) ҷавобгӯй буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.1. Назария ва методикаи таълими таърих сазовор мебошад.

Муқарриз:
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент,
муовини директори Агентии ҳифзи
меросии таърихию фарҳангии назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Саиднуриддинзода
Аҳлиддин
Саиднуриддин

«Имзои Саиднуриддинзода А.С.-ро тасдиқ мекунам»

Сардори шуъбаи кадрҳо, корҳои
махсус ва ҳуқуқи Агентии ҳифзи
меросии таърихию фарҳангии назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Амирзода С.А.

Маълумот барои тамос:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Теҳрон, 21;
тел.: (+992 37) 2278001; 227 8002.
E-mail: info@h.meros.tj

01 октябри соли 2026